**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 13.03.2024, № 8

Барои сазовор донистани Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми декабри соли 2022, № 308) 20-уми декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 7 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна 27-уми январи соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2013 факултети филологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро аз рӯйи омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аз соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардида, аз 1-уми апрели соли 2023 то имрӯз омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и шаҳри Панҷакент мебошад

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович**.

**Муқарризони расмӣ:** Нуров Нуралӣ Норович – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои

ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шамсов Н.С., эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Давлатбеков Л.М., котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Боев Ш.Э. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърихи адабиёт буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Ҳабиб Аҳрорӣ – муҳаққиқи назария ва таърихи тарҷума / Д.Ҳ. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 2 (97). – С. 222-225.

[2-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Равиши интихоб ва тарҷумаи осори бадеӣ (Дар мисоли фаъолияти эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ) / Д.Ҳ. Исмоилова // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 139-147.

[3-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Муруре ба зиндагиномаи Ҳабиб Аҳрорӣ / Д.Ҳ. Исмоилова // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2023. – № 1 (74). – С. 142-147.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Ҳунари тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ (дар мисоли тарҷумаи «Моҷарои Иван Иванович ва Иван Никифорович»-и Н.В. Гогол) / Д.Ҳ. Исмоилова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалии донишҷӯён, магистрантон ва омӯзгорон дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент дар мавзуи «Инсон. Табиат. Илм». – Панҷакент, 2019. – С. 166-171.

[5-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Сабақҳои ибратбахш ва ҳунари нависанда / Д.Ҳ. Исмоилова // Анвори илм. – Панҷакент, 2022. – № 3. – С. 235-241.

[6-М]. Исмоилова, Д.Ҳ. Баъзе масъалаҳои назарияи тарҷумаи бадеӣ аз нигоҳи Ҳабиб Аҳрорӣ / Д.Ҳ. Исмоилова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Аз таърихи пайвандҳои илмӣ ва адабии халқҳои тоҷику ӯзбек: гузашта, ҳозира ва оянда», дар иртибот ба ифтихори 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 145-солагии сардафтари адабиёти муосири тоҷику ӯзбек Садриддин Айнӣ, эҳёи нави густариши робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон (27-28.04.2023). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 213-215.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Асозода Ҳотам Раҷаб** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои диссертант се эрод манзур шудааст:

1. Дар ҷумлаи охири қисмати «Аҳаммияти назарӣ ва амали таҳқиқ» баъди калимаи «таълифи» ибораи «рисола ё китобҳо дар бораи...» илова гардад, маънӣ рӯшантар мешавад.

2. Дар саҳифаи 11, пеш аз оғози фасли дуюм, дар ҷумлаи «Дар рисола хидматҳои дар ин замина анҷомдодаи Ҳабиб Юсуфӣ муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудаанд». Шояд ин ҷо Ҳабиб Аҳрорӣ бошад?

3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад. Масалан, нарасидании вергул с. 12 баъди «Равияи дувум», дар с. 14 баъди ибораи «Дар ин асос», дар сархати дуюми саҳифаи 15 баъди ибораи «муҳаққиқони соҳа» дар саҳифаи 13 дар ибораи «яке аз аввалин муҳаққиқ» суфикси «он» намерасад.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он се эрод пешниҳод шудааст:

1. Агар дар бахши «сарчашмаҳои таҳқиқ» асарҳои бадеии истифодагардида мушаххас оварда мешуданд, беҳтар буд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 6, 11, 18) ва техникӣ (5, 11, 14, 19) роҳ ёфтаанд.

3. Агар диссертант ба масъалаи мактаби эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ ва нақши ӯ дар тарбияи адибону тарҷумашиносони ҷавон низ таваҷҷуҳ мекард, ҳусни кор меафзуд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна** низ мусбат аст. Дар ин тақриз пешниҳоду эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Ба андешаи мо, дар боби сеюм баррасии мавзуъ ва масъалаҳо бояд дар асоси методи муқоисавӣ-таърихӣ сурат мегирифт ва дар ин замина бо нияти ҳарчи бештар нишон додани ҳунари тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ осори тарҷумавии ӯ бо тарҷумаҳои дигар қиёс ва татбиқ мегардид. Дар ин сурат арзиши адабӣ ва ҳунарии осори тарҷумавии Ҳабиб Аҳрорӣ ва нақши ӯ дар рушду такомули тарҷумаи бадеӣ бештар ошкор мешуд.

2. Дар саҳифаҳои гуногуни автореферати диссертатсия ҷо-ҷое ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусну зиннати ин кори пажӯҳишӣ мегардад.

3. Дар диссертатсия ва автореферат калима ва истилоҳоти «мубрам», «осори насрӣ» ва «услуб» мавриди корбурд қарор гирифта, ба назари мо, ба ҷойи онҳо истифодаи мафҳумҳои «аҳаммият», «осори мансур» ва «сабк» беҳтар аст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши рӯзгору осори Ҳабиб Аҳрорӣ ва таъини нақши ӯ дар рушди тарҷумаи бадеӣ ва мактаби тарҷумаю тарҷумашиносии тоҷик пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ муҳимро **ба анҷом расонидааст;**
- кори диссертатсионӣ дар асоси осори бадеӣ, илмӣ-таҳқиқӣ ва тарҷумавии Ҳабиб Аҳрорӣ, маводи матбуоти даврӣ доир ба рӯзгору осори мутарҷим ва муосирони ӯ сурат гирифта, эҷодиёти адиб дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудааст;**
- тамоюлҳои ҳунарии нависанда дар насри бадеӣ ва ҳикояҳои ӯ баррасӣ гардида, мавзуъ, муҳтаво ва ҷанбаҳои бадеии онҳо муайян карда шудаанд;
- осори илмӣ-назарии Ҳабиб Аҳрорӣ оид ба тарҷумаи бадеӣ ва рисолати тарҷумон мавриди омӯзиш қарор гирифта, моҳияти андешаҳои ӯ дар шинохт ва нақду таҳқиқи осори тарҷумавӣ **мушаххас шудаанд;**
- вежагиҳои муҳтавоӣ ва дарунмояи тарҷумаҳо бо матни аслии онҳо **муқоиса ва муайян карда шудаанд**;
- масъалаҳои ҳунари тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ дар тарҷумаи осори бадеии адабиёти рус ва ҷаҳон, меъёрҳои интихоби осори тарҷумавӣ, ҳамбастагии мутарҷим бо матни тарҷумашаванда, сабки матни асл ва тарҷума, ҳифзи амонат дар тарҷума ва ҳунари эҷодии ӯ дар ин замина бо мисолҳо **таҳқиқ ва собит гардида,** мухтассоти сохторию поэтикии тарҷумаҳои адиб **муайян шудаанд.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола ҷанбаҳои назарии омӯзиши тарҷумаро пурратар гардонида, дар баррасии арзишҳои ҳунарии насри бадеию осори тарҷумавии Ҳабиб Аҳрорӣ ва таъини аҳаммияти афкори тарҷумашиносии адиб метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада аз омӯзиши мавзуъ дар таъини вежагиҳои тарҷума дар давраҳои гуногуни таърихӣ, хусусан, давраи навини ташаккули адабиёти муосири тоҷик мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои дар заминаи мабоҳиси ҷудогонаи рисолаи бадастомада ва равишҳои пажуҳишии муҳаққиқро дар таҳқиқоти ҳамгун низ метавон истифода бурд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, В. Самад, Ш. Мухтор, Р. Мусулмониён, Б. Тилавов, Ҳ. Шодиқулов, А. Давронов, В.Н. Комисаров, В.М. Россел, Л.С. Бархударова, М.П. Алексеев, Г.Р. Гачечиладзе, И.А. Кашкин, Г.Р. Гачечиладзе ва дигарон истифода шуда, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия бо назардошти таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти эҷодии Ҳабиб Аҳрорӣ, хусусан, осори тарҷумавии ӯ ва вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили таърихӣ-типологӣ ва осори илмию назарии марбут ба мавзуъ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз мабоҳиси ҷудогонаи рисола, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо дар нақди осори адабӣ ва масоили марбут ба шинохти мухтассоти тарҷумаи бадеӣ метавон истифода бурд. Маводи дар рисола манзуршуда ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои хусусиятҳои тарҷумаи осори адабӣ, таълифу мураттаб намудани китобҳои дарсию васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, омода кардани матни лексияҳо аз ба таърихи тарҷума, таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, робиташиносӣ, адабиёти ҷаҳон, назария ва амалияи тарҷума дар мактабҳои олӣ истифода кард.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносон, тарҷумашиносон ва мутахассисони соҳаи равобити адабии ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар умум, савияи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро дақиқияти маълумоти манзуршуда, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, коркарди

натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои муаллифи диссертатсия эътимодноканд ва ҷанбаҳои назарии накду баррасии осори тарҷумавиро тақвият мебахшанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Муҳаққиқ дар заминаи манбаъҳои муҳимми марбут ба аҳвол ва осори Ҳабиб Аҳрорӣ зиндагинома ва осори адибро мавриди омӯзиш қарор дода, нақш ва ҷойгоҳи ӯро дар раванди инкошофи адабиёт ва мактаби тарҷумаи бадеии тоҷикӣ муайян намудааст.

Муаллиф дар интихоб ва таъини равиши илмии баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳои накду таҳқиқи осори адабӣ, таҳқиқи теъдод ва муҳтавои тарҷумаҳои Ҳабиб Аҳрорӣ, муайян сохтани арзиши адабӣ ва ҳунарии тарҷумаҳои ӯ, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 13-уми марти соли 2024 дар бораи сазовор донистани Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, № 308), аз ҷумла 4 нафар доктороони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – 1 адад.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Казакова У.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Қурбонзода Р.Қ.

13.03.2024.